

Мақолаҳо


بسم الله الرحمن الرحیم

Мавзӯъи мақола:

Тавзеҳе дар бораи таъйини рӯзи аввал ва охари моҳи мубораки Рамазон

Нависандаи мақола:

Дуктур Зокир Маъруф

بسم الله الرحمن الرحيم



Тавзеҳе дар бораи таъйини рӯзи аввал ва охари моҳи мубораки Рамазон

Дуктур Зокир Маъруф

Ҳар сол бо наздик шудани моҳи мубораки Рамазон, моҳи ибодат ва худсозӣ, талоши мусалмонон барои огоҳи аз рӯзи аввли он оғоз мешавад; Ҳамчунонки бо наздик шудани моҳи Шавол, ин суъол дар миёни онон шуюъ меёбад ки иди саъиди Фитр чи рӯзе аст. Бидуни шак ин ҳолат, ҳаргоҳ ношӣ аз иштиёқи онон ба шурӯъи ибодатӣ тоза ё такмили он бо ҳадафи тақарруб ба Худованд бошад, бисёр некуст ва аз зинда будани имон дар дилҳои онон бо вуҷуди ҳамаи айбҳо ва косиҳошон ҳикоят дорад ва ин ҳақиқатро ёдоварӣ мекунад ки онон ба рағми ҳамаи ихтилофоти фикрӣ ва

мазҳабияшон, як уммат ҳастанд ва ақойид ва аҳкоми муштараки фаровоне доранд.

Ҳар чанд вуқуъи ихтилоф миёни онон дар бораи рӯзи аввали моҳи мубораки Рамазон -ки ба риволи ҳарсола табдил шудааст- монанди лаккаи тира бар радои ваҳдати онон ҷалби таваҷҷуҳ мекунад, вале гилоя кардан аз он ба танҳойи муфид нест ва дардеро даво намекунад. Коре ки лозим аст, ташхис иллати он ва сипас ироъаи роҳи ҳал ва иқдоми амалии муносиб бирои рафъи он аст.

Иллати ихтилоф

Бидуни шак, иллати ихтилофи мусалмонон дар бораи рӯзи аввал ва охари моҳи мубораки Рамазон, ин аст ки аз як сӯ бештари онон ҳанӯз гирифтори тақлид аз олимон ё ҳокимони худ ҳастанд ва аз сӯй дигар олимонашон ороъи фиқҳии мутазод доранд ва ҳокимонашон мулоҳизоти сиёсии рангоранг!

Роҳи ҳалли ихтилоф

Роҳи ҳалли ихтилофи онон ин аст ки олимонашон аз мазоҳиби мухталифи Исломи, ҳайъатӣ муштарак ташкил диҳанд ва бо истиқболи комил аз ҳокимонашон, пас аз машварат ва баррасии назари коршиносон ва гузориши расад кунандагон, раъйи воҳид ва мустанадеро содир кунанд то ҳамаи мусалмонони ҷаҳон бар асоси он амал кунанд.

Оё ба ростӣ кори душворе аст?! Ё аз даҳҳо созмони аризу тӯл ки бо пасванди Исломӣ ва будиҷаҳои ҳангуфт ташкил шудаанд ва маълум нест ки чи кор мекунанд ва чи фоидае барои мусалмонони ҷаҳон доранд, пурҳазинатар аст?!

Қатъан чунин нест, вале мутаъассифона иродае барои ин кори сода ва камҳазина вуҷуд надорад; Чароки бисёрӣ аз олимони бонуфуз дар ҷаҳони Ислом, ҳанӯз мепиндоранд ки рӯъяти ҳилол дар кишвари худашон зарурӣ аст ва агар мусалмонон дар кишварӣ дигар онро рӯъят кунанд, фоидае надорад, ё мепиндоранд ки

рӯъяти ҳилол бо чашми мусаллаҳ кофӣ нест!

Бидуни шак ин як хатои илмӣ аст ки иллати аслӣ ихтилоф дар бораи оғоз ва поёни моҳи мубораки Рамазон аст ва роҳи раҳойи аз он ҳам ин аст ки ё ин даста аз олимон, бо шуҷоъат ва тавозуъ, хатои илмии худро ислоҳ кунанд ва ё мусалмонон ба тақлид аз онон поёни диҳанд то дасти кам нуфузи онон аз байн биравад ва натавонад монеъи иқдомотӣ зарурӣ монанди ташкили ҳайъатӣ муштарак дар ҷаҳони Ислом барои таъйини рӯзи аввал ва охири моҳи мубораки Рамазон шавад; Чунонки аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло дар бораи ҳар ду роҳ, ба тафсил сухан гуфта ва роҳнамойиҳои лозимро ироъа фармудааст; Чароки аз як сӯ, дилсӯзона хатои илмии ин даста аз олимонро табйин намуда ва бар кифояти як бор рӯъяти ҳилол -агарчи бо чашми мусаллаҳ- барои ҳамаи мусалмонони ҷаҳон таъкид фармуда ва аз сӯӣ дигар, мушфиқона ҳамаи мусалмонони ҷаҳонро ба худдорӣ аз тақлид ва рӯй овардан ба таҳқиқ фаро хондааст, то замина аз ҳар ҷиҳат барои расидани онон ба ваҳдатӣ муборак фароҳам шавад.[1]

Ҳар чанд дар ин миён, монеъи бузурге ҳам вуҷуд дорад ва он ҳамоно сиёсатбозиҳо ва маслиҳатандешиҳои ҳокимони мусалмон аст ки бо нигаришӣ кӯтоҳбинона, рақобат бо якдигарро ба арсаи масоъили шаръӣ ва ибодӣ кашондаанд ва манофеъи худро дар истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ аз сойири кишварҳои Исломӣ пиндоштаанд ва аз ин рӯ, ҳар гуна талош барои ҳамоҳангӣ бо мусалмонон дар кишварҳои дигарро иртибот бо <<бегонагон>> (!) ва таҳдиде барои амният ва бақоъи худ қаламдод мекунанд!

Бегумон ин яке аз дигар пайомадҳои ҳукумати золимон бар кишварҳои Исломӣ аст ва роҳи раҳойи аз он низ як чиз аст: Гирифтани ҳукумат аз онон ва расонданаш ба соҳиби ҳақиқиаш яъне имом Маҳдӣ алайҳи салом ки ё бо ризоят ва ҳамкории онон

1 . Барои огоҳӣ аз раҳнамудҳои эшон дар бораи рӯъяти ҳилол, ба пурсиш ва посухи 62 ва 148 ва барои огоҳи аз ҳушдорҳои эшон дар бораи тақлид аз олимон, ба китоби <<Бозгашт ба Ислом>> (с53) ва шарҳи он муроҷиъа кунед.

анҷом мешавад ва ё бо кароҳат ва муқовимати онон, вале дар ҳар ҳол анҷом мешавад ва аз он гузире нест; Чунонки аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло дар ин бора ба тафсил сухан гуфта ва роҳнамойиҳои лозимро ироъа кардааст; Чароки аз як сӯ, ҳокимони мусалмонро ба дил кандан аз қудрат ва бардоштани гомҳои муъассир ва машҳуд дар ростои заминасозӣ барои зуҳури имом Маҳдӣ алайҳи салом ташвиқ намуда ва аз сӯй дигар миллатҳои мусалмонро ба фишор овардан бар ҳокимони худ ва дар сурати лозим, канор гузоштани онон ба суди имом Маҳдӣ алайҳи салом даъват фармудааст, то роҳ аз ҳар ҷиҳат барои расидани онон ба ваҳдат ва таҳаққуқи ормони Ислом ҳамвор шавад.[1]

Имрӯз чи бояд кард?

Инҳо роҳҳои миёнмуддат ё дарозмуддате ҳастанд ки бояд бо ҳиммати заминасозони зуҳури имом Маҳдӣ алайҳи салом таҳти раҳбарии аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло тай шаванд, вале роҳи кӯтоҳмуддате ки таъйин кунандаи таклифи имрӯзи мусалмонон дар хусус моҳи мубораки Рамазон аст, беэътинойи ба элоноти ҳокимон ва тарки тақлид аз олимоне аст ки рӯъяти ҳилол дар кишвари худро зарурӣ мепиндоранд ё мӯътақиданд ки рӯъяти ҳилол бо чашми мусаллаҳ кофӣ нест; Чароки тақлид аз онон, иллати ихтилоф миёни мусалмонон аст, балки мусалмонон -ҳатто агар дар масоъили шаръӣ муқаллид ҳастанд- набояд дар таъйини рӯзи аввал ё охари моҳи қамарӣ тақлид кунанд; Чароки таъйини рӯзи аввал ё охари моҳи қамарӣ, истинботи як ҳукми шаръӣ нест то ниёзманд ба муқаддамаӣ хос ва дар салоҳияти олимон бошад, бал касби иттилоъ аз як мавзӯъи ъайнӣ ва хориҷӣ аст ки бо рӯъяти ҳилол ба чашми худ ё иттилоъ аз рӯъяти он тавассути дигарон ҳосил мешавад ва ҳатто барои авомми ғайри мусалмон низ муқаддар аст; Чунонки ҳатто аъроби ҷоҳилӣ онро анҷом медоданд, дар ҳоле ки на ба имконоти расадии имрӯз дастрасӣ доштанд ва на аз рӯъяти ҳилол дар сарзаминҳои дур мутталеъ мешуданд!

1 . Ба унвони намуна, бингаред ба: Пурсиш ва посухи 157

Тавзеҳе дар бораи таъйини рӯзи аввал ва охари моҳи мубораки Рамазон

Бинобарин, бародарон ва хоҳарони мусалмон, агар ба ростӣ дағдағаи огоҳӣ аз рӯзи аввал ва охари моҳи мубараки Рамазонро доранд, бояд танбалиро канор бигзоранд ва ба ҷойи чашм дӯхтан ба даҳони олимонӣ бо ороъи фиқҳии нодуруст ва ҳокимонӣ бо ағрози сиёсии номаълум, худ иқдом ба таҳқиқ кунед; Ба ин сурат ки агар дар маконҳои боз бо осмонӣ покиза ба сар мебаранд ё ба имконоти расадӣ мутадовил монанди дурбин ва телескоп дастрасӣ доранд, наздики ғуруби офтоб ба маконӣ муртафаъ ва муносиб бираванд ва барои рӯъяти ҳилол дар уфуқ кӯшиш кунанд ва агар ин кор барояшон душвор аст, ба сайтҳои интернетии мӯътабаре ки бидуни мулоҳизоти сиёсӣ ё мазҳабӣ ва танҳо бо такя бар баррасиҳои нуҷумӣ, ахбор ва асноди рӯъяти ҳилолро мунташир мекунанд, бингаранд ва гузоришҳои онҳоро бо якдигар муқойиса намоянд, то ҳангоме ки ба рӯъяти ҳилол дар ҷойе аз ҷаҳон яқин пайдо кунанд.

Ҳамаи ин бародарон ва хоҳарони мусалмон, хоҳ касоне ки шахсан иқдом ба расад кардаанд ва хоҳ касоне ки ба таҳқиқ дар миёни ахбор ва асноди рӯъяти ҳилол пардохтаанд, метавонанд натиҷаи ба даст омадаро барои мо ирсол кунанд, то дар сурати сиҳҳат ва қатъияти он, ба иттилоъи сойири мардум низ бирасонем. Ин корӣ шойиста ва судманд аст ки интизор меравад ҳамаи бародарон ва хоҳарони мусалмон анҷом диҳанд, магар касоне аз онон ки дар ин бозаи замонӣ, машғули корӣ зарурӣ ҳастанд ва намерасанд ки шахсан расад ё таҳқиқ кунанд, ё дар маконӣ номуносиб ба сар мебаранд ва савод ё дастрасӣ ба интернет надоранд; Зеро онон метавонанд аз натиҷаи таҳқиқи бародарон ва хоҳарони мусалмонашон ки бар рӯи ин пойгоҳ қарор мегирад, истифода кунанд.

Умедворем ки танбалӣ, инфиъол ва тақлидгаройи аз миёни мусалмонон рахт бар бандад ва ҷойи худро ба нишот, талош ва таҳқигаройи бидиҳад; Чароки уммати Исломӣ -беш аз ҳар замони дигаре- ба чунин таҳаввул ва ислоҳе ниёзманд аст, то барои зуҳури имом Маҳдӣ алайҳи салом омода шавад.

Тавзеҳе дар бораи таъйини рӯзи аввал ва охари моҳи мубораки Рамазон

Тавоҷҷуҳ

Назар ба инки имсол (соли 1441 қамарӣ), моҳи Шаъбон дар рӯзи панҷшанбеи 26 марти 2020 милодӣ оғоз шуд, моҳи Рамазон дар рӯзи ҷумъаи 24 апрели 2020 милодӣ ё дар рӯзи шанбеи 25 апрели 2020 мелодӣ оғоз хоҳад шуд. Бинобарин, агар рӯъяти ҳилол дар рӯзи панҷшанбеи 23 апрели 2020 милодӣ дар ҷойе аз ҷаҳон собит шуд, рӯзи ҷумъа ва дар ғайри ин сурат, рӯзи шанбе, рӯзи аввали моҳи мубораки Рамазон хоҳад буд.

Бино бар ахбори расида аз бархӣ кишварҳои Исломӣ ҳокӣ аз рӯъяти ҳилоли моҳи нав дар рӯзи панҷшанбе 29 Шаъбони 1441 қамарӣ / 23 апрели 2020 мелодӣ ки муъайяд ба тасвири мӯътабар ва мувофиқ бо назари коршиносони мусалмон аст, рӯзи ҷумъа 24 апрели 2020 мелодӣ, аввали моҳи мубораки Рамазон аст. Аз ҳамаи бародарон ва хоҳарони мусалмон мехоҳем ки дар ин моҳи муборак, барои саломатии имом Маҳдӣ алайҳи салом ва мувафақияти заминасозони зуҳураш дуъо кунанд.

